# Муовини Раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муаррифӣ гардид

Опубликовано 19 марта, 2025 - 12:12 пользователем Ҳайати тадорукот

[1]

Имрӯз дар Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа Абдулло Раҳмонзода, Раиси Кумитаи забон ва истилоҳот Сахидод Раҳматуллозода ва кормандони Кумита муовини Раиси Кумита муаррифӣ карда шуд.

Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Баротзода Файзиддин Камолиддин муовини раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин гардид. Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо

ҷомеа Абдулло Раҳмонзода муовини навтаъйинро барои сазовор шудан ба боварии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бобати таъйин гардидан ба вазифаи пурмаъсул табрику шодбош намуда, баҳри иҷрои саривақтии дастуру супоришҳои Пешвои миллат бароруу комёбӣ таманно намуд.

Раиси Кумита Сахидод Раҳматуллозода иброз дошт, ки ба боварии Сарвари давлат сазовор шудан агар аз як ҷониб ифтихори бузуруг бошад, аз тарафи дигар масъулияти шахсро дар назди халқу Ватан боз ҳам дучанд мегардонад.

Изҳори итминон карда шуд, ки муовини навтаъйин тамоми неру ва қуввваи худро баҳри пешрафти соҳа, алалхусус рушди забони давлатӣ равона хоҳад намуд.

**Рейтинг контента:** Select rating
Средняя оценка: 5 (2 голос)

Rate

## Категория:

- Ахбори рӯз [2]

-

-

- 

-

-

-

**Источник::**https://istilohot.tj/ru/node/7106

**Ссылки**
[1] https://istilohot.tj/sites/default/files/field/image/7_0.jpg [2] https://istilohot.tj/ru/taxonomy/term/10
[3] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/Screenshot%202025-03-22%20114738.png [4]
https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/1_21.jpg [5]
https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/2_21.jpg [6]
https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/3_21.jpg [7]
https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/4_18.jpg [8]
https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/5_16.jpg [9]
https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/6_11.jpg [10]
https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/7_12.jpg